## *ТАҚРИЗ*

*ба автореферати диссертатсияи Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи "Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.*

Автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Примов Мӯҳсин Муслимҷонович дар мавзуи "Асосҳои методии истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дар сомона барои ҳимоя пешниҳод шудааст, аз ҷиҳати сохтор мутобиқи талаботи амалкунанда буда, ҳамаи қисмҳои асосии пешбинишударо дар бар мегирад. Автореферат аз лиҳози сохторӣ пурра ва муназзам буда, ба хонанда имконият медиҳад, ки бо мундариҷа, навгониҳо ва аҳамияти амалӣ-назариявии диссертатсия шиносоии ҳамаҷониба пайдо намояд.

Мавзуи таҳқиқотӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими низоми маорифи муосир – истифодаи васоити муосири технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар раванди таълим ва таъсири он ба ташаккули муносибати хонандагон – бахшида шудааст.

Муҳиммияти мавзуъ ибтидо аз он сарчашма мегирад, ки дар шароити кунунӣ таълиму тарбия бе истифодаи компютер ва дигар воситаҳои иттилоотӣ ғайриимкон гардидааст. Дар баробари ин, рушди босуръати технологияҳо на танҳо имкониятҳои фаровони таълимиро фароҳам меорад, балки ҳамзамон боиси пайдошавии мушкилоти нав, аз ҷумла вобастагии равонӣ ва рафтории хонандагон аз компютер мешавад. Аз ин рӯ, зарурати тарбия ва ташаккули муносибати эҳтиёткорона ба истифодаи компютер ва дигар воситаҳои иттилоотӣ ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳими фарҳанги иттилоотии насли нав ба миён меояд.

Аз тавсифи мухтасари мавзуъ маълум мегардад, ки муаллиф дар боби якуми диссертатсия бо таҳлили амиқ мубрамияти масъала, афзалиятҳои таълими компютерӣ ва ҳамчунин паёмадҳои номатлуби истифодаи аз ҳад зиёди онро нишон додааст. Ҷолиб он аст, ки нақши шахсияти омӯзгор ҳамчун омили калидӣ дар тарбияи муносибати дуруст ва масъулонаи хонандагон мавриди баррасии махсус қарор гирифтааст. Ин равиши ҳамгироёна аҳамияти илмӣ ва амалии тадқиқотро тақвият мебахшад.

Дар боби дуюм бошад диссертант ба тавсифи методҳои истифодаи компютер ва равишҳои беҳтарсозии муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон дар раванди таълими технологияи иттилоотӣ таваҷҷуҳ намудааст. Принсипҳои асосии истифодаи компютер ва беҳтарсозии муносибати хонандагон дар таълим некӣ, илмӣ, дастрасӣ ба маълумот, аёният, пайдарҳамӣ, шуурнокӣ, мутобиқшавӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулият мебошанд.

Аз озмоиш ва амсилаи таҳиянамудаи унвонҷӯ бармеояд, ки барои фароҳам овардани шароити педагогии муносиб, аввалан истифодаи намудҳои мухталифи бозиҳои компютерӣ барои ташаккули ҷаҳоншиносии маърифатии толибилмон зарур аст. Дуюм, корбурди мултимедиа дар таълими барномаҳои компютерӣ ба беҳтар шудани фаҳмиши мавзуот ва рушди малакаҳои амалии хонандагон мусоидат мекунад. Севум, муҳити хуби педагогӣ бояд фароҳам оварда шавад, то хонандагон дар раванди таълим фаъолият намоянд ва малакаҳои иҷтимоӣ ва ҳамкориро рушд диҳанд. Чорум, татбиқи методи лоиҳа бо истифода аз принсипҳои дидактикӣ, аз қабили ташаккули тасвирҳои фикрӣ, субъективии ашёи табиӣ ва ҳамкорӣ, ба беҳтар шудани муносибати эҳтиёткоронаи хонандагон мусоидат мекунад.

Ҳамзамон, истифодаи технологияҳои интерактивии таълим, аз ҷумла корҳои ҷуфтӣ, ҷойивазкунӣ, кор дар гурӯҳҳои хурд, карусел, аквариум, маҷмӯи тамомнашуда, водоркунии майна, ҳаракати броунӣ, бозиҳои нақшӣ, методи фишор ва мубоҳиса, хонандагонро водор менамояд, ки дар раванд фаъол бошанд ва муносибати эҳтиёткоронаи онҳо ба омӯзиш тақвият ёбад.

Дар маҷмуъ, чунин натиҷагирӣ шудааст, ки истифодаи компютер ва равишҳои интерактивӣ дар таълим бояд бо принсипҳои илмӣ ва педагогӣ ҳамоҳанг шуда, муҳити фарогир ва шахсӣ-фарди барои хонандагон фароҳам оварда шавад.

Хулоса тадқиқоти диссертатсионӣ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ ҳам аҳамияти баланд дорад. Навгониҳои пешниҳодшуда ба такмили методологияи таълим ва густариши таҳқиқоти педагогӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ мусоидат менамоянд.

Мавзуи интихобшуда ба рамзи ихтисоси 13.00.01- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) комилан мутобик буда, муаллифи Примов Муҳсин барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур сазовор аст. Зеро таҳқикот пурра ба талаботи стандартҳои давлатии таҳқиқ ва ҳадафҳои стратегӣ мувофикат дошта, татбиқи он метавонад ба болоравии сатҳи касбии омӯзгорон ва баланд бардоштани маданияти иттилоотии насли нав саҳми назаррас гузорад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори Донишгоҳи давлатии
забонҳои хориҷии Самарқанд — Тайланова Шохида Зайниева

07/10/2025

TASDIQLAYMAN
SamDCHTI KADRLAR